«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. ______________**
**«07» ______07______соли 2025**

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом соли 2006 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро бо дипломи аъло соли 2011 хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2020 №232-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ қабул шуда, онро бо фармоиши ректори Донишгоҳ аз 20 декабри соли 2024 №505-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 04 июли соли 2021 №9 (20-21) тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 30 апрели соли 2025, №36 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст. Диссертатсияи Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети

ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 03 июли соли 2025 №9 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф», чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ омода шудааст.

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: «Масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои солҳои 2020-2025» алоқаманд мебошад.

3. **Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардидида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада низоми донишҳои мавҷударо оид ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни

мақсади тасарруф, ғанӣ гардонида барои фақгузори намудани ин ҷиноят аз таркиби ҷиноятҳои монанд имконият медиҳанд.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдошта мумкин аст дар соҳаи илмӣ-таҳқиқотӣ ҳамчун мавод барои коркарди минбаъдаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф; дар фаъолияти ҳуқуқэҷоднамоӣ ҳангоми коркарди таклифу пешниҳодҳо оид ба даровардани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятии амалкунанда бо мақсади такмили минбаъдаи он; дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ ҳангоми татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти бандубасти ҷинояти мазкур; дар ҷараёни таълим ҳамчун мавод барои таълими Қисми умуҷмии ҳуқуқи ҷиноятӣ, тайёр намудани фаслҳои алоҳиди китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, тафсири илмӣ- амалии КҶ ҶТ истифода шаванд.

**4. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисолаи номзадии Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф» мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад.

Навгонии илмии таҳқиқи мазкур, пеш аз ҳама, дар хулоса ва пешниҳодҳое зоҳир мегардад, ки муаллиф барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ки ба баррасии масъалаи ғайриқонунӣ ҳай карда бурадани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи масъалаҳои интихобшуда, муаллиф хулосаҳои нав ва пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории амалкунанда аҳаммияти назаррас доранд. Масалан:

1. Ҳангоми бандубасти кирдор мутобиқи б “а” қ.3 м.252 КҶ ҶТ бояд андозаи зарари воқеии моддии расонидашуда ба назар гирифта шавад. Арзиши воситаи нақлиёти рондашуда наметавонад ҳамчун асос барои бандубасти кирдор ба миқдори калон бошад.

2. Пешниҳод мешавад, ки дар диспозитсияи м.252 КҶ ҶТ калимаи “ғайр” нисбат ба автомобил ё дигар воситаи нақлиёт илова карда шавад. Чунки аломати “ғайриқонунӣ” бештар ба худи предмети ҷиноят мансуб буда ифодагарӣ он аст, ки воситаи нақлиёт ба гунаҳгор таълуқ надорад, барои ӯ бегона мебошад. Дар акси ҳол масалан, бе шаҳодатномаи

ронандагӣ, дар ҳолати мастӣ ва ғайра ҳай карда бурдани воситаи нақлиёти худ низ мумкин аст расман, ҳамчун “ғайриқонуни ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт...” маънидод шавад.

3. Вобаста намудани лаҳзаи хотимаёбии ҷинояти мазкур бо лаҳзаи дар гунаҳгор пайдо шудани имконияти ихтиёрдорӣ намудан ба нақлиёти ғайриқонунӣ ҳай карда бурда шаванда аз руйи салоҳдиди худ бештар ба ҳолатҳои рабудани он аз ҳудудҳои муҳофизатшаванда хос мебошад, яъне агар ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт аз ҳудуди ҳифзшавандаи ташкилот, корхона, муассиса, таваққуфгоҳ, аз саҳни ҳавлӣ ва ғайра содир шавад, пас ҷиноят то лаҳзаи аз чунин ҳудуд берун намудани воситаи нақлиёт хотимаёфта ҳисоб намешавад. Дар ҳолатҳое, ки барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ҳаракатҳои иловагӣ талаб карда намешавад (гузаштан аз назди муҳофизи таваққуфгоҳ, бартараф намудани монеаъҳо, гузариш аз нуқтаҳои гуногуни иҷозатдиҳиву назоратӣ ва ғайра) ҷиноят аз оғози ҷойивазнамоии воситаи нақлиёт хотимаёфта эътироф мешавад.

4. Муайян намудани тарафи объективии ин ҷиноят тавассути ибораи “ғайриқонунӣ бадастовардани воситаи нақлиёт” ё “рабудан” бештар асоснок ба назар мерасад. Зеро чунин шакли баён назар ба истилоҳи истифодашавандаи « ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт» дақиқтар ва мувофиқтар мебошад.

Барои ҳифзи воситаи нақлиёт ҳамчун ҷиноят ба муқобили моликият муҳим на ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан, балки ғайриқонунӣ соҳиб шудан ба он ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима 3 боб 7 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 то дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда,

интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3, 87 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1–М].** Абдусаломзода, Ҷ.А. Тарафи субъективии ғайриқонуни ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф [Матн] / Ҷ.А. Абдусаломзода // Қонунгузорӣ. – 2022. – № 2(46). – С. 127-132. ISSN 2410-2903.

**[2–М].** Абдусаломзода, Ҷ.А. Хусусиятҳои объекти ҷинояти ғайриқонуни ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф [Матн] / Ҷ.А. Абдусаломзода // Маҷалаи давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 4(24). – С. 229-239. ISSN 2414 9217.

**[3–М].** Абдусаломзода, Ҷ.А. Масоили муайян намудани предмети ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф [Матн] / Ҷ.А. Абдусаломзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №7. – С. 287-291. ISSN 2413-5151.

**[4–М].** Абдусаломзода, Ҷ.А. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии таркибҳои вазнинкунанда ва махсус вазнинкунандаи ҷинояти ғайриқонунӣ бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф [Матн] / Ҷ.А. Абдусаломзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №8. – С. 270-275. ISSN 2413-5151.

**[5–М].** Абдусаломзода, Ҷ.А. Ҳолатҳои вазнинкунандаи ғайриқонуни ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф [Матн] / Ҷ.А. Абдусаломзода // Қонунгузорӣ. – 2024. – № 3(55). – С. 161-167. ISSN 2410-2903.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

**[6–М].** Абдусаломзода, Ҷ.А. Баъзе аз масъалаҳои тарафи объективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурадани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф [Матн] / Ҷ.А. Абдусаломзода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «30-юмин солгарди қабули

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон гардидани соли 2024» ва нақши доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессор Муллоев М.М., дар рушди илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. – Душанбе, 2024. – С. 197-207.

**[7–М].** Абдусаломзода, Ҷ.А. Таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои пасошуравӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт [Матн] / Ҷ.А. Абдусаломзода // Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе, 2024. – С. 126-133.

**[8–М].** Абдусаломзода, Ҷ.А. Инкишофи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар замони шуравӣ ва пас аз шуравӣ [Матн] / Ҷ.А. Абдусаломзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба «100-солагии Ойгензихт Виктор Аркадьевич», «Танзими ҳуқуқии саёҳӣ ва сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2024. – С. 213-221.

**[9–М].** Абдусаломзода, Ҷ.А. Тарафи объективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурадани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф [Матн] / Ҷ.А. Абдусаломзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба Рузи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ ва эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ»: ш. Душанбе- 6 декабри соли 2024. – С. 301-310.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кори тақикии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 –

Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 20 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Суратҷаласа аз 03 июли соли 2025, №9.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ., дотсент** **Раҳмонзода М.Ҷ.**

**Котиби ҷаласа:** **Насриддинзода С.Н.**

**Имзоҳои Раҳмонзода М.Ҷ. ва Насриддинзода С.Н.-ро ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.Ш.**

**«04» 07 2025 с.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj